Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, www.ddtt.tj)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҷабов Раҷаб Кӯчакович ба диссертатсияи Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар мавзӯи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 - Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901-Иқтисодиёти меҳнат) пешниҳод шудааст**

## Мубрамӣ ва зарурати гузаронидани таҳқиқот аз рӯи мавзӯи диссертатсия

Имрӯз дар Тоҷикистони соҳибистиқлол саноатикунонии босуръат пеш аз ҳама аз натиҷаи афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ вобаста буда, омили калидии таъмини рушди ин соҳаи муҳими ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он ба ҳисоб меравад.

Дар ин радиф чораҳои таъхирнопазир ҷиҳати афзоиши самараи меҳнату натиҷаҳои он такмили низомҳо ва механизми ҳавасмандгардонии моддӣ ба роҳ монда шуда рушди корхонаҳои саноатӣ дар асоси баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат бо назардошти истифодаи технологияи муосир ва қадрдонии меҳнати кормандон сурат мегирад. Новобаста ба ин дар миқёси Тоҷикистон ва хусусан вилояти Хатлон сатҳи нокифояи музди меҳнат, ҳавасмандгардонии моддӣ ва ғайримоддӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ таъмин намудани раванди саноатикунонии босуръати кишвар, солҳои 2022–2026-ро «Солҳои рушди саноат» эълон намудан, аҳамияти бузург доштани соҳаи саноатро дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ зарур шуморида аз тарҳрезии ёфтани самтҳои муосири судманд, аз ҷумла ҷиҳати такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ вобаста аст. Инчунин ба самаранокии меҳнати корхонаҳои саноатӣ омилҳои зиёд, аз ҷумла истифодаи механизми муосири ҳавасмандгардонии кормандон, ҷустуҷуи роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнати онҳо ва ғайра таъсир мерасонанд.

Новобаста ба ин то ба имруз коркарди низоми комили ҳавасмандгардонии моддии кормандон, ки ба рушди устувори корхонаҳои саноатӣ нигаронида шудааст, ҷой доштани кӯчиши қувваи корӣ бо назардошти рушди муҳоҷирати кормандони корхонаҳои саноатӣ, набудани

шароити истифодаи мустақилонаи нерӯи дарихтиёрдоштаи кормандон ва дурнамои рушди касбият ва мавкеи иҷтимоию иқтисодии кадрҳои баландихтисос, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ, ки ба қаноатмандии баланди ҳавасмандгардонии моддии кормандон вобаста аст, пардохтнопазирии даромадҳои пулии кормандони ин корхонаҳо ва беҳдошти афзоиши ҳаҷми онҳо ва ғайра маҷудаст.

Аз тарафи дигар ҳалли мушкилоти такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар асоси коркард ва истифодаи механизмҳои муносиби ҷорикунии намудҳои алоҳидаи ҳавасмандгардонии моддӣ, зарурати таҳқиқи ҷабҳаҳои минтақавии такмили ин низомро тақозо мекунад. Бо назардошти ин мубрамии мавзуи интихобшудаи диссертатсионии Мирзозода А.Д. бебаҳс буда, дорои аҳамияти баланди амалӣ ва арзиши илмии онро тасдиқ менамояд.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бар сархатҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат): қисмҳои 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он; 3. Масоили назариявӣ-методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; 7. Ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии он бо тахассуси кормандон ва самаранокии истеҳсолот; вазифаи такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат; 10. Ҳосилнокӣ ва самаранокии меҳнат, усулҳои андозагирӣ, омилҳои таъсирасон ва захираҳои афзоиш; 13. Танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; таъсири муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ба рушди иқтисодиёт ва соҳаҳои он; 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди масоили илмӣ бо арзёбии аҳамияти он**

Муаллиф дар таҳия ва дар амалия ҷорӣ намудани самтҳои такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ дар вилояти Хатлон, ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ дар бозори меҳнат ва рушди устувори иқтисодӣ саҳм гузоштааст. Тавсияҳои методӣ ва амалие, ки дар рисола асоснок карда шудаанд, ҳангоми ҷараёни таълим дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз фанҳои «Бозори меҳнат», «Шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ», «Иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат», «Таҳлили нишондиҳандаҳои меҳнатӣ» ва «Иқтисоди корхонаҳо» истифода мешаванд.

Муаллиф дар инкишофи равандҳои пешниҳоди чораҳои амалӣ нисбати такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ, назарияи ҳавасмандгардонии меҳнат ва рушди муносибатҳои судманди ичтимоои-иқтисодӣ саҳм гузошта, бо натиҷаҳои бадастовардааш самтҳои афзалиятнок, вазифаҳо ва тадбирҳои асоснок карда, дар асоси онҳо татбиқи механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатиро исбот кардааст.

Аз ин рӯ, аҳамияти назариявии таҳқиқот дар такмили ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосири зоҳир мегардад.

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд барои беҳтар намудани заминаи меъёрии ташаккул ва такмили механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Точикистон, татбиқи манфиатҳои иқтисодию ичтимоӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мехнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон, аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дар раванди таълим ва бозомӯзии кадрҳои роҳбарикунанда ва мутахассисони соҳаи саноат мавриди истифода қарор дода шаванд.

## Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз асоснок кардани муқаррароти назариявӣ ва методӣ оид ба такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ ва таҳияи чораҳои илмӣ ва амалӣ оид ба беҳтар намудани ин раванд иборат аст.

Натиҷаҳои асосие, ки унсурҳои навоварии илмии таҳқиқотро дар бар мегиранд, аз инҳо иборатанд:

1. таҳқиқи пурраи асосҳои илмию назариявии мавқеъи ҳавасмандгардонии меҳнат дар рисола омӯхта шуда, моҳият ва нақши он бо назардошти дигаргуншавии шароит ва рушди самараи меҳнат ва такмили методология дақиқ карда шуда, афзалияти ҳавасмандгардонии моддии меҳнат, қонуниятҳо ва хусусиятҳои ин ҳавасмандгардонӣ ошкор карда шуда, афзалияти он нисбат ба ҳавасмандгардонии ғайримоддӣ асоснок карда шудааст;

2. дар рисола муаллиф омӯзиши ҳаматарафаи таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат бо назардошти нигоҳдории кадрҳои боистеъдод ва гаронарзиш, ҳавасмандгардонии дастаҷамъона ва инфиродӣ,

баҳодиҳии собиқаи кории кормандон асосёфта, низомҳои ҳавасмандгардонии ҳамарофарогиранда ва дар асоси натиҷаҳои воқеии меҳнат ошкор намуда, истифодаи онро дар шароити муосири корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон аниқ намудааст;

3. дар сатҳи зарурӣ шароиту имкониятҳои иҷтимоию иқтисодии корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон мавриди таҳлил қарор дода шуда, ҳавасмандгардонии моддии меҳнат арзёбӣ карда шуда, норасоии имкониятҳои молиявию пардохтнопазирӣ, коҳишёбии арзиши дороиҳо ва истифодаи нокифояи имкониятҳои инноватсионӣ, ғайриқаноатбахш будани арзиши хароҷот барои таъмини қувваи корӣ, аз ҷумла нокифоягии ҳаҷми музди меҳнат, зарурати истифодаи воситаҳои ҳавасмандгардонии моддӣ ва вобастагии такмили низоми ҳавасмандгардониҳо аз унсурҳои моддии ҳавасмандгардонӣ омӯхта ва муайян карда шудаанд;

4. омилҳое, ки ба самаранокии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат таъсир мерасонанд дар рисола бо назардошти маҳдудияти ҳаҷми воситаҳои ҳавасмандгардонии моддӣ, истифодаи нопурраи нерӯи ҷисмонӣ, малакаҳои зеҳнии кормандон, таъсири шохиси нархҳои истеъмолӣ, ноустувории нишондиҳандаҳои натиҷавӣ ва таъсири онҳо ба ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон муайян ва баҳо дода шудааст;

5. асосноккунии самтҳои афзалиятноки такмили низоми ҳавасмандгардонии моддӣ ва асосҳои институтсионалии он дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон бо назардошти ҳамоҳангсозии низом ва механизмҳои ҳавасмандгардонии моддии меҳнат ҷиҳати амали намудани стратегияи рушди корхонаҳо, такмили ҳуҷҷатҳои сатҳи дохилӣ, таъмини мустақилият ва фарогирии ҳама ҷузъиёти ҳавасмандгардонии моддӣ, истифодаи одилонаи низоми ҳавасмандгардонӣ ва тағйироти шароити рушдёбанда будани он, таъмини таносуби муносиби музди меҳнат ва дигар намуди ҳавасмандгардониҳо, истифодаи усулҳои муосири ҳавасмандгардонии моддӣ нисбат ба ғайримоддӣ дар корхонаҳои саноатӣ, такмили шартномаҳои меҳнатӣ бо фарогирии шароити муосоиди ҳавасмандгардонии моддӣ муайян карда шудаанд;

6. дар рисола тавсияҳои асоснок дар асоси баррасии шароити шуғли пурмаҳсул, рушди сатҳи касбият ва донишҳои инноватсионии захираҳои меҳнатии минтақа, ҷорӣ намудани низоми ҳамарофарогирандаи кормандон ва механизми прогрессивии таъмини рушди манбаъҳои ҳавасмандгардонии моддӣ нигаронидашуда, таъмини механизми устувори иҷтимоӣ байни иттифоқи касаба ва маъмурияти корхонаҳои саноатӣ, ки самараи баланди

меҳнатро таъмин менамоянд, барои такмили механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони саноатии вилояти Хатлон пешниҳод карда шудааст.

## Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳоро дар бар гирифта, он аз 200 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ шудааст.

Муқаддимаи кори диссертатсионӣ (саҳ.4-14), фарогири баррасии мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ ва заминаҳои назариявию методии тадқиқот, ҳадафи объект, мавзуъ, масъалаҳо, усулҳо, соҳа, марҳилаҳо, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишӣ, эътимоднокии натиҷаҳо, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқот мебошад. Ҳамчунин, дар муқаддима нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, саҳми шахсии довталаб, таъйиди диссертатсия, иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он ва интишори натиҷаҳои диссертатсия нишон дода шудааст.

Дар боби якум «Асосҳои илмию назариявии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат» таҳаввулоти муқарраротҳои назариявии ҳавасмандгардонии меҳнат дар шароити муосир (саҳ.15-31) баррасӣ гардида, равияҳои методии арзёбии низоми ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ (саҳ.31-46) таҳқиқ ва таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноат мавриди омӯзиш қарор дода шудааст (саҳ.47-65).

Аз таҳлили зербанди аввали боби якуми рисола бар меояд, ки дар асоси омӯхтани асосҳои назариявии ҳавасмандгардонии меҳнат накши он дар арзёбии беҳдошти натиҷаи меҳнат дида баромада шудааст ва баъдан ин натиҷаҳо имконият додаанд, ки такмили механизми ҳавасмандгардонӣ дар шароити имрӯза мавриди истифода карор дода шавад.

Дар сатҳи зарурӣ аз тарафи муаллиф асосҳои методии низоми ҳавасмандгарлдонии меҳнати коргарони корхонаҳои саноатӣ дида баромада шуда накши ин низом барои рушди ҳосилнокии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ имконият медиҳад.

Боиси дастгирӣ натиҷаҳои омӯзиши таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ аз тарафи муаллиф ба анҷом дода шудааст ва истифодаи он дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Дар боби дувум “Вазъи муосир, муаммоҳо ва омилҳои ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон ” тавсифи умумии ҷараёни ҳавасмандгардонии моддии меҳнати

кормандон дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон (саҳ.66-81) дида баромада шуда, арзёбии нишондиҳандаҳои раванди ҳавасмандгардонии моддии кормандон дар корхонаҳои саноатӣ: муаммо ва тамоюлот сурат гирифта (саҳ.82-97), таъсири омилҳо ба ҷараёни ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир (саҳ.98-113) баҳо дода шудааст.

Дар зербоби аввали боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ таҳқиқи ҷараёни ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон дар асоси динамикаи истеҳсоли намудҳои алоҳидаи маҳсулоти саноатӣ, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, қарзҳои дебиторӣ ва кредитории корхонаҳои саноатии вилоят вобаста ба натиҷаҳои молиявӣ ва дороию баҳодиҳии онҳо, индекси самаранокии меҳнат дар соҳаи саноат, самаранокии хароҷоти музди меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон дар солҳои 2014-2021, инчунин таҳлили музди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи номиналии кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисодии вилоят гузаронида шудааст.

Дар сатҳи зарурӣ арзёбии нишондиҳандаҳои раванди ҳавасмандгардонии моддии кормандон дар корхонаҳои саноатӣ сурат гирифта, муаммо ва тамоюлот дида баромада шудааст. Диққати асосӣ ба арзиши хароҷот барои таъмини қувваи корӣ дар корхонаҳои саноатии вилоят, сабабҳои асосии норозигӣ аз кор, омилҳои ба натиҷаи меҳнат бештар таъсиррасонанда, дараҷаи қаноатмандӣ аз низоми музди меҳнат ва дигар пардохтҳо, пешниҳодҳо оид ба такмили низоми ҳавасмандгардониҳо дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон дар асоси пурсишҳои гузаронидашуда дода шудааст.

Боиси дастгирӣ натиҷаи ба дастовардаи муаллиф нисбати муайянкунии таъсири омилҳо ба ҷараёни ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир мебошад. Дар ин радиф ҷойи асосӣ ба омӯзиши таносуби музди меҳнати номиналии кормандони корхонаҳои саноатии вилоят нисбат ба даромади як нафар аъзои хонавода ва музди меҳнати ҳадди ақал дода шудааст.

Дар боби сеюм "Такмили низоми идоракунии ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ" самтҳои афзалиятноки такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон муайян карда шуда (саҳ.114-126), такмили асосҳои институтсионалии ҳавасмандгардонии меҳнати кормандони корхонаҳои саноат (саҳ.126-140), механизми ҳавасмандгардонии

моддии меҳнати кормандони саноатӣ дар шароити ташаккули шуғли пурмаҳсул (саҳ.141-163) таҳия карда шудааст.

Аз баррасии самтҳои афзалиятноки такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон бар меояд, ки онҳо дар асоси дида баромадани низоми мукаммал ва тавсияшавандаи ҳавасмандгардонии моддии меҳнат барои корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон пешниҳод шудааст.

Дар рисола амсилаи чорсатҳаи низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ хело хуб пешниҳод ва мавриди истифода қарор дода шудааст.

Пешниҳодҳои муаллиф ҷиҳати такмили асосҳо ва меъёрҳои институтсионалии ҳавасмандгардонии меҳнати кормандон, инчунин ин меъёрҳо нисбати корфармо ва корманд корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хело зарурӣ ҳисобида шуда боиси дастгирӣ мебошанд.

Дар рисола механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони саноатӣ дар шароити ташаккули шуғли пурмаҳсул дар асоси SWOT – таҳлили шуғли пурмаҳсул дар корхонаҳо ва гуруҳбандии ҷузъҳои музди меҳнати иловагии кормандон ва механизмҳои тавсияшавандаи мукофотонии кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон пешниҳод карда шудааст.

Дар хотимаи диссертатсия муаллиф маҷмӯи тадбирҳои мушаххасеро ироа кардааст, ки аз натиҷаи таҳлили вазъи муосир ва такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ дар вилояти Хатлон) бармеоянд. Дар охири рисола инчунин хулосаҳои асосӣ, пешниҳод ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда шудаанд (саҳ. 164-170).

## Эроду тавсияҳо барои беҳтар намудани сатҳи назариявию амалии диссертатсия

Дар диссертатсияи такризшаванда дастовардҳои назарраси методӣ, назариявӣ ва амалии бадастовардаи унвонҷӯ хеле зиёд буда, барои дифои диссертатсияи номзадӣ кофӣ мебошанд. Ҳамзамон, дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳои зерин ба назар мерасанд:

1. Дар диссертатсия дар сатҳи муайян асосҳои назариявию методологии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар асоси таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ ба анҷомдода шуда мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Мутаассифона дар раванди омӯзиши заминаҳои назариявӣ ва методӣ, на ҳамаи ҷабҳаҳои он ва масоил нисбати таҳқиқи омӯзиши ин масъала ва таҳаввулоти меҳнат ва моҳияти ҳавасмандгардонии он дар шароити муосир ва такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ бо назардошти консепсияи муосири такмили низоми

ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ ба пуррагӣ омӯхта нашудааст.

2. Дар рисола таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ ва имкониятҳои роҳандозии он (саҳ.47-65) вобаста ба шароити муосири рушди устувори иқтисодӣ ба пуррагӣ мавриди таҳқиқ ва баҳодиҳӣ қарор дода нашуда, пешниҳодҳои асоснок нисбати истифодаи ин таҷриба дар мисоли Тоҷикистон асоснок карда нашудааст.

3. Ба ақидаи мо муаллиф дар рисола ҳангоми баррасии арзёбии нишондиҳандаҳои меҳнатӣ ва раванди ҳавасмандгардонии меҳнати кормандон дар корхонаҳои саноатӣ пурра баҳо надодааст. Инчунин омилҳое, ки ба арза ва тақозо ҷиҳати истеҳсоли маводи саноатӣ таъсир мерасонанд мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор нагирифтааст.

4. Дар рисола ҷойи махсус ба таҳлили омилҳои таъсиррасон ба раванди ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ дода шудааст. Мутаассифона арзёбии пурраи ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ ва самаранокии он, инчунин баррасии роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар ин корхонаҳо дар шароити кунунӣ дур аз таҳқиқ мондааст.

5. Бояд дар рисола ҳангоми омӯзиш ва баррасии тағйирёбии сохторӣ, амали намудани ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ ва таъминоти соҳа бо воситаю захираҳои инноватсионӣ ҷойи муносиб дода мешуд. Мутаассифона ба ҳалли ин масъала диққати зарурӣ дода нашудааст.

6. Дар рисола механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони саноатӣ дар шароити ташаккули шуғли пурмаҳсул пешниҳод карда шудааст. Мутаасифона ин механизм бе баҳодиҳии бартарияти истифодаи низомҳои муосири такмили музди меҳнат (низоми гейдерӣ, баллӣ ва ғайра) дар саноат пешниҳод гардидааст.

7. Рисола дорои баъзе хатогиҳои грамматикӣ мебошад. Инчунин баъзе аз муқарраротҳоро бо назардошти баланд бардоштани нақши ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ равшану аниқ кардан зарур аст.

Новобаста ба ин эродҳои гирифташуда ҳаргиз сатҳи баланди илмию назариявӣ, методӣ ва амалии кори тақризшавандаро коста намегардонанд ва бештари онҳо хислати тавсиявӣ доранд. Аз ин рӯ, рисолаи Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар мавзӯи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», таҳқиқоти мукаммали дар сатҳи баланди назариявию методӣ ва амалӣ анҷомёфта буда, мазмуну мундариҷа, хулосаю пешниҳодот ва навгониҳои илмии он ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва

унвонҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати автореферат ва интишороти муаллиф ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия**

Мазмуни мухтасари таҳқиқоти диссертатсионӣ, унсурҳои навгонии илмӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқоти тақризшаванда ба пуррагӣ дар автореферати рисола ва мақолаҳои илмии чопшудаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва инчунин дар маҷмӯаи мақолаҳои конференсияҳо илмию амалии сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд. Дар маҷмӯъ, диссертатсия дар сатҳи зарурии илмию методӣ иҷро шудааст.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия**

Диссертатсияи Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар мавзӯи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 - Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901-Иқтисодиёти меҳнат) пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мукаммали анҷомёфта буда, унсурҳои навгонии кифояи илмӣ дорад ва дастоварди назаррасӣ илмӣ маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD), доктор аз рӯйи ихтисоси дар боло зикршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, профессори
Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон **Раҷабов Р.К.**

Имзои д.и.и., профессор Раҷабов Р.К.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

**Суроғаи донишгоҳ:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе; кӯчаи Деҳотӣ,1/2. Почтаи электронӣ: drrajab@mail.ru
Тел:+992934444107.